## ХУЛОСАИ

комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-090-и назди Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон оид ба диссертатсияи номзадии Раҳимзода Равшан Раҳмон – дар мавзуи «Ташаккул ва инкишофи асосҳои назариявӣ-ҳуқуқии муқовимат бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти назариявӣ-таърихии ҳуқуқӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат пешниҳод шудааст

1. Ташаккул ва инкишоф ёфтани муносибатҳои иқтисодӣ, васеъ гардидани нақши шахс дар ҷомеа ҳамчун субъекти фаъолияти идоракунӣ ва ҳолатҳои дигари бюрократӣ боиси афзудани амалҳои коррупсионӣ дар ҷомеа гардида истодаанд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ин падидаи номатлуб доимо мубориза оштинопазир ба роҳ монда шуда, баҳри пурра бартараф намудани он дар ҷомеа чораҳои дахлдори ташкилию ҳуқуқӣ роҳандозӣ гардида истодааст. Новобаста чораҷӯиҳои зиёди зикргардида дар самти муқовимат бо коррупсия ҳануз ҳам мушкилоти зиёди ҳалталаб ҷой доранд.

Яке аз омилҳои ба рушди он мусоидаткунанда сатҳи пасти маърифати ҳуқуқӣ, шуури ҳуқуқӣ ва самаранок набудани тарбияи ҳуқуқии аҳолӣ, то ба дараҷаи зарурӣ самаранок набудани чораҳои пешгирӣ, фаҳмондадиҳӣ ва муқовимат бо ин зуҳуроти номатлуб, ба ҳисоб меравад. Аз ҷониби дигар, ба ин раванд дараҷаи пасти самаранокии чораҳои татбиқшаванда дар муқовимат бо коррупсия, мунтазам иҷро нашудани чораҳои муқарраргардидаи қонунгузорӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиқсозӣ таъсир мерасонад.

Бояд тазаккур дод, ки масъалаи муқовимат ба коррупсия падидаи нав набуда, заминаҳои меъёрию ҳуқуқии худро ҳануз аз низомҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ мегирад. Омӯзиши таҷрибаи таърихии давлатдорӣ ва фаъолияти ҳуқуқэҷодкунию амалияи ҳуқуқтатбиқсозии мардуми тоҷик дар даврҳои гуногуни таърихӣ дар самти муқовимат бо коррупсия барои низоми муосири ҳуқуқии кишвар дорои аҳаммияти баланди назариявию амалӣ мебошад. Ба амалҳои коррупсионӣ ҳануз дар доирииаи низоми ҳуқуқи зардуштӣ, ҳуқуқи мусулмонӣ ва ҳуқуқи шуравӣ бо тартиби хоси давр ва сарчашмаҳои одатию динӣ ва ҳуқуқӣ муқовимати ҷиддӣ нишон дода мешуд.

Имрӯз низ аз ҷониби давлату ҳукумат чораҳои гуногунмазмуни муқовимат андешида шуда истодаанд, ки дар амал татбиқ намудани онҳо то андозае самараи дилхоҳ низ дода истодаанд. Вале мавҷудияти проблемаи муқовимат бо коррупсия, хеле зиёд будани масъалаҳои назариявию амалӣ дар танзими муносибатҳои ҳуқуқии ба коррупсия ва кирдорҳои дигари зиддиҳуқуқии ба он алоқаманд, заминаҳои иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии барои рушди он мусоидаткунанда ва ҳолатҳои дигари дар ҷомеаи Тоҷикистони имрӯза мавҷудбуда, аз он дарак медиҳанд, ки мавзуи мазкур бояд аз ҷиҳати назариявию ҳуқуқӣ таҳқиқ карда шавад.

Андешаҳои зикршуда ва тадбирҳои анҷомдодаи давлату ҳукумати кишвар мубрамияти масъалаи муқовимат ба коррупсияро ифода намуда, боиси гузаронидани таҳқиқоти маҷмуии диссертатсионӣ дар ин самт гардиданд, ки ҷанбаҳои назариявии таърихию муосирро фаро мегиранд.

2. Диссертатсия ба талаботҳои бандҳои 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ. ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, мутобиқ мебошад. Диссертатсия кор илмӣ-тахассусии анҷомёфта буда, аз ҷониби унвонҷӯй мустақилона таҳияшуда, сатҳи навгонӣ ва дар шароити ҷумҳурӣ татбиқшаванда буданро дорад. Натиҷа ва нуқтаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшуда метавонанд дар илми назарияи давлат ва ҳуқуқ, такмили қонунгузорӣ ва раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ самти ҳуқуқшиносӣ ба таври васеъ истифода шаванд, ки он саҳми бевоситаи унвонҷӯйро нишон медиҳад.

3. Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқоти мазкур ба Шиносномаи ихтисосҳои барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат пешниҳод шудааст, ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионӣ мувофиқи Фармоиши Комиссяи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 7-уми январи соли 2022, № 16 ҳуқуқи қабули диссертсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад.

4. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 16 мақолаи илмӣ инъикос ёфтаанд. Аз ҷумла 8 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидааст. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои унвонҷӯй баён шудаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби

додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

5. Дар таҳқиқоти диссертатсионии Раҳимзода Р.Р. истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё маъхаз мавҷуд набуда, ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият давроварда шудаанд, ки аз риоя шудани Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

6. Дар диссертатсия ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи унвонҷӯй маълумоти ғайрисаҳеҳ, аз ҷумла дар бораи корҳои аз ҷониби ӯ чопгардида, мавҷуд намебошад.

Банди 61-уми Низомномаи Шурои диссертатсиониро, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни оли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, ба роҳбарӣ гирифта,

**ҚАРОР КАРД:**

1. Диссертасияи Раҳимзода Равшан Раҳмон – дар мавзуи «Ташаккул ва инкишофи асосҳои назариявӣ-ҳуқуқии муқовимат бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти назариявӣ-таърихии ҳуқуқӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат пешниҳод шудааст, барои ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳақиқони зеринро, ки бо корҳои илмӣ – таҳқиқотиашон ба ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ; таърихи таълимот оид ба ҳуқуқ ва давлат мувофиқат мекунанд, ба ҳайси муққаризони расмӣ пешниҳод менамояд:

- **Бобоҷонзода Исрофил Ҳусейн** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, мудири шуъбаи масоили назариявии давлат ва ҳуқуқи муосири Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;

**Қозиён Шариф Қозӣ** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, доктори илмҳои сиёсӣ, дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқи факултети таърих ва ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ;

Ба ҳайси муассисаи пешбар муассисаи давлатии **«Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон»** таъин карда шавад.

3. Барои нашри эълон оид ба ҳимояи минбаъда ва ҷойгир намудани автореферат дар сомонаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

4. Барои чопи автоеферат бо ҳуқуқи дастнавис (100 адад) ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

Раиси комиссияи ташхис:
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор,
аъзои шурои диссертатсионӣ Мирализода И.Қ.

Аъзои комиссия ташхис:
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
дотсент, аъзои комиссияи экспертӣ Алимзода Ш.А.

Аъзои комиссия ташхис:
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент,
аъзои шурои диссертатсионӣ Раҳматулоев А.Э.

Имзоҳи Мирализода И.Қ. ва
Алимзода Ш.А.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори РК ва КМ ДМТ Тавқиев Э.Ш.
«03» 07 2025

Имзои Раҳматулоев А.Э.-ро тасдиқ мекунам.
Сардори РК ва КМ ДДҲБСТ Бобоев А.Х.
«04» 07 2025 с.